*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ,доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович ба диссертатсияи Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи: «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ» (дар мисоли саноати устони(вилоят)-и Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат).**

## 1. Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда.

Соҳибкории хурду миёна яке аз унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ ба ҳисоб меравад ва таври бемайлон инкишоф додани содироти молу хизматҳо ба шумор меравад. Он қодир аст рушди иқтисодиёт, шугли аҳолӣ, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулот (хизматҳо), баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ, дигаргунсозии сохтори иқтисодиётро таъмин намояд. Аз ин рӯ, таъмини рушди соҳибкории хурду миёна яке аз муаммоҳҳои муҳими давраи муосир ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он на танҳо барои рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт, балки дар маҷмуъ тамоми иқтисодиёти давлат аҳамияти калон дорад. Аксарияти мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта тараққиёти иқтисодиёти худро маҳз бо рушди соҳибкории хурду миёна алоқаманд мекунанд ва ба он таваҷҷӯҳи калон медиҳанд.

Сатҳи муҳимнокии мавзӯи таҳқиқшаванда махсусан пас аз ҷорӣ намудани таҳримҳои иқтисодӣ нисбати Ҷумҳурии исломии Эрон боз ҳам баландтар мегардад. Таҳримҳои иқтисодии мамлакатҳои Ғарб на танҳо ба корхонаҳои бузурги саноатӣ, низоми молиявии мамлакат, балки ҳам ба соҳибкории хурду миёна, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ нақши ҳалкунанда доранд, таъсири калони манфӣ расониданд ва барои рушди соҳибкории хурду миёна мушкилот ва душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд овард.

Аз ин рӯ, қайд кардан мумкин аст, ки омӯзиши дақиқ ва амалигардонии таҳқиқотҳои илмӣ бо мақсади коркарди асосҳои назариявии соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ ва

дар ҳамин асос пешниҳод намудани чорабиниҳои мушаххаси таъмини инкишофи онҳо дар саноати Ҷумҳурии исломии Эрон муҳиммияти рӯзмарраро ба худ касб менамояд.

2. **Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия ва дараҷаи асосноккунии он** аз дуруст истифода бурдани усулҳои дарки илмӣ,коркарди моделҳои мухталифи инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ бо таваҷӯҳ ба равишҳои ибтикирӣ асоснок гардида дар асоси омӯзиши роҳу усулҳои танзими соҳибкорӣ дар кишварҳои пешрафтаи дунё ҷамъбандӣ роҳҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои мухталиф, таҳияи стратегияи рушди соҳибкории истеҳсолии хурд иборат мебошад. Таҳқиқот бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ аз қабили усулҳои таҳқиқи раванди таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ризоию иқтисодӣ, таҳлили вазъи кунунӣ ва ояндабинӣ, ҳамчунин методҳои махсус асос ёфтааст. Ин имкон додааст,ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқот,яъне коркарди асосҳои назариявии рушдиу инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ ва пешниҳоди чорабиниҳои муассирҷиҳати таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар Эрон ва ҳалли вазифаҳои гузошта шуда муваффақ гардад. Бо ин мақсад диссертант аз асарҳои олимони муосири Тоҷикистону Эрон оид ба масъалаҳои таҳқиқи эҷод ва истиқори корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои мухталиф таҳлили равандҳои инкишофи соҳибкории хурду миёна истифода намуда, коркарди модели баррасии осебпазирии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои Эрон анҷом додааст.

**3.Сохтор,ҳаҷм ва мазмуни кори диссертатсионӣ**.

Кори диссертатсионии Алии Таҳассурӣ дар худ таҳқиқи мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода мекунад, ки сохтори он аз муқаддима, се боб, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муққадима(саҳ.3-11) муҳимият ва дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ, ҳадафҳои таҳқиқот,сатҳи таҳқиқотзаминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқот,навгониҳои илмӣ,тавсиби натиҷаҳои таҳқиқотдарҷ гардидааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир»(саҳ. 12-56) муаллиф моҳияти иқтисодии корофаринӣ (соҳибкорӣ), фикру ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба таҳаввулоти соҳибкорӣ, хусусиятҳои фарққунандаи корхонаҳои хурду миёнаи мамлакатҳои гуногун, нақши корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисодиёт, равишҳои системавии инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин муаллиф моделҳои инкишофи соҳибкориро, ки аз тарафи олимони хориҷӣ, ба монанди А.

Шопиро, Фирой, В. Байгерио, Ҷ. Тиммонс, В. Гартнер, М. Портер, М. Кошонӣ, Тернер ва дигарон пешниҳод карда шудааст, шарҳ дода таҷрибаи хориҷии инкишофи соҳибкории хурду миёнаи мамлакатҳои алоҳида ва ҳимояи давлатии соҳибкории хурдро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили омилии рушду инкишофи корхонаҳои хурду миёна дар устони Курдистони Эрон»(саҳ.57-99) ба таҳлили омилҳои ба содироти корхонаҳои хурду миёна таъсиррасон, осебшиносии инкишофи корхонаҳои хурду миёна, омилҳо ва шароитҳои ҷойгиркунонӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна дар устони Курдистони Эрон бахшида шудааст. Махсусан диссертант дар боби дуюм модели рушди содироти корхонаҳои хурду миёнаро таҳлил намуда бо истифода аз равишҳои таҳқиқотӣ натиҷаҳои таъсири ҳар як омилро ба содироти корхонаҳои хурду миёна муайян намудааст. Дар асоси истифодаи равишҳои гуногун мушкилотҳои инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро муайян намуда баҳодиҳии шароитҳои иқтисодиёти Эрон, омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурду миёнаро ошкор намудаст.

Дар боби сеюм «Самтҳои афзалиятноки инкишофи соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои Эрон»(саҳ.100-151) диссертант системаи дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва миёнаро дар минтақаҳои Эрон баррасӣ намуда, омилҳои ба рушди соҳибкории хурду миёна монеашавандаро ошкор намуда самтҳои афзалиятноки инкишофи соҳибкории хурду миёна ва низоми менеҷменти стратегии онҳоро баррарасӣ намудааст. Бароиояндабинии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Исломии Эрон диссертант зарурати коркарди стратегияи рушди соҳибкории хурду миёнаро асоснок намудааст.

Дар қисмати ниҳоии диссертатсия(152-155) хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф гирд оварда шудаанд.

**4. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионӣ назаррас буда,метавонад барои асоснок кардани самтҳои афзалиятноки инкишофи соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои Эрон истифода шаванд.

Модели мухталифи рушди соҳибкорӣ бо назардошти равишҳои ибтикорӣ, фардгароёна, мутобиқшаванда ва сармоягузорӣ, методикаи арзёбии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои мухталиф барои рушди равишҳои илмӣ дар илми иқтисодиёти соҳибкорӣ муҳим аст. Имконияти татбиқ намудани муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои коркардшуда барои баҳодиҳии инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ, коркарди барномаҳои рушди корхонаҳои

хурду миёна дар Эрон ва соҳаҳои саноати вилояти(устони) Курдистон ифода меёбад.

Аҳамияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки тавсияҳои онро метавон барои инкишофи корхонаҳои хурду миёна ва ноил шудан ба самаранокии баланд ва бо мақсади рушди содиротии маҳсулоти соҳаҳои саноати Эрон истифода намуд.

**5.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дпр диссертатсия бадастомада ва нкқтаҳои илмие,ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар диссертатсия паҳлӯҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна бо назардошти ақидаҳои олимону иқтисоддонҳои мактабҳои илмии ҷудогона баҳодиҳии аҳамияти иқтисодию иҷтимоии ин фаъолият тақвият дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, дар марҳилаи ҳозира бо афзоиши рақобат ва марказонидани ширкатҳо схусусиятҳои фарққунандаи корхонаҳои хурду миёнаро, нақши онҳоро дар афзоиши рақобатпазирӣ ва содироти маҳсулоти саноатӣ бештар зоҳир мегардад. Таҳқиқи ҷамбаҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна ба хулосае овардааст, ки ҳаммаи ин таҳаввулот коркарди сохтори консептуалии инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро дар соҳаҳои саноат тақозо менамояд (саҳ 25-28).

Дар диссертатсия нишон дода мешавад,ки дар шароити муосир рақобати ҷаҳонӣ боиси афзоиш, фишор бар созмонҳо ва корхонаҳо барои фаъол гардонидани фаъолияти инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба маҳорату кордониҳо, баланд бардоштани сифати молу хизматрасониҳо шудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки бо назардошти рақобатпазирии қобилиятҳо, таҷрибаю кордониҳои соҳибкорон ва истифода аз навовариҳои соҳаи фаъолият масъалаҳои ҳимояи давлатии соҳибкории хурду миёна арзёбӣ карда шавад. Аз нуқтаи назари илмӣ асосҳои коркарди модели мухталифи соҳибкорӣ бо назардошти рақобатпазирии қобилиятҳо пешниҳод карда шудааст. (саҳ. 38-42)

Дар диссертатсия таҷрибаи ҳимояи давлатии соҳибкории хурд дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавриди таҳқиқ қарор дода таъкид карда шудааст, ки бархурд бо падидаҳои ҷаҳонишудани бозор ва узвият дар

Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ба рушти саноати Эрон таъсири худро мерасонад. Муаллиф дар асоси таҳлили ҳадафҳо, сиёсатҳо ва барномаҳои иқтисодии Эрон мушкилотҳои соҳибкории хурду миёнаро дар минтақаи Курдистон ва самту усулҳои ҳимояи давлатии соҳибкории хурду миёнаро асоснок намудааст (саҳ. 52-56)

Диссертант рушди содиротии корхонаҳои хурду миёнаро таҳлил намуда мушкилотҳо ва маҳдудиятҳои онро аниқ намуда барои афзоиши содироти гайринафтӣ мадел дар равишти SMART(spbcial, measurable, attainable, relerant, taim-bound) пешниҳод намудааст. Истифодаи ин модел ба барҳам додани баъзе мушкилотҳо ва монеаҳои содиротӣ, омӯзиши бозорҳои содиротӣ ва муайян намудани сиёсати давлати инкишофи корхонаҳои хурду миёна равона шудааст. (саҳ 61-65)

Дар диссертатсия аниқ карда шудааст, ки мушкилотҳои корхонаҳои хурду миёна дар кишвари Эрон бо назардошти шумораи зиёди онҳо дар сохтори саноат (95%) низ ба назар мерасад. Мушкилотҳои мазкур дар модели таҳлилӣ баррасӣ карда шуда дар асоси натиҷаи баҳодиҳии экспертии алоқамандии омилҳои соҳибкории хурду миёна дар музофоти Курдистон ҳалли илмии худро ёфтаанд. (саҳ 78-84)

Омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурд ва миёнаро бо назардошти аҳолии минтақа, сармояи инсонӣ, вазъи иқтисодиву ҷуғрофии минтақа, инфрасоҳтори минтақа, захираҳои маҳдуди экологӣ, иқтидори илмию техникӣ, иқлими иҷтимоӣ ва сифати идоракунӣ аниқ карда шудааст. Дар диссертатсия омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурду миёнаи музофоти Курдистон, омилҳои ба якдигар ба таври мустақим ба ҷойгиркунии корхонаҳои алоҳида таъсир мерасонанд, асоснок карда шудааст. Омилҳои ба ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна таъсиррасонро ва накши онҳоро дар минтақаи майян бо назардошти сохтори соҳавии хоҷагии давлат вобаста аниқ карда шудааст. (саҳ 94-99)

Муаллиф дар асоси таҳлили таҷрибаи дастгирии соҳибкорӣ дар кишварҳои хориҷӣ ба хулосае омадааст, ки механизми самарабахши

шудааст) ва нисбати ақидаҳои илмии онҳо доир ба инкишофи соҳибкории хурду миёна умуман таваҷҷӯҳ накардааст.

5. Дар диссертатсия асосҳои методии инкишофи содиротии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои алоҳида аниқ карда шудааст. Вале ҷиҳати коркарди сиёсати давлатии содиротии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ бо назардошти фаъол гардонидани раванди инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.
6. Дар диссертатсия усул ва роҳҳои такмили низоми менеҷменти стратегии корхонаҳои хурду миёна аниқ карда шудаанд. Аммо вобаста ба хусусиятҳои корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи саноат натиҷаҳои истифодабарии менеҷменти стратегӣ арзёбӣ нашудааст.
7. Дар рӯйхати адабиётҳои истифодашуда номгӯи баъзе сарчашмаҳои илмие, ки аз онҳо дар кор иқтибос оварда шудааст (саҳ. 33-35, 37,38,44,46,47,56), ҷой дода нашудаанд.
8. Дар кор баъзе ибораҳо истифода шуда ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар намерасанд

Таъкид кардан зарур аст, ки камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло нишон дода хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳияти аслии назариявию амалии диссертатсияро паст намекунанд ва бештари онҳо тавсифи дурусти баёни ақида ва мукаммалию дуруст шарҳ додани фикру ақидаҳои муаллифро доранд.

## 6.Хулоса ва мувофиқати диссертатсия ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

Таҳлили умумии диссертатсия нишон дод,ки он дар мувофиқат бо фаслҳои зерини Шаҳодатномаи рӯйхати ихтисосҳои кормандони илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисоди ҷаҳон, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 -Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ(иқтисодиёти саноат) иҷро гардидааст.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгониҳои илмии онро ифода менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии инкишофи соҳибкории хурду миёнаро

шудааст) ва нисбати ақидаҳои илмии онҳо доир ба инкишофи соҳибкории хурду миёна умуман таваҷҷӯҳ накардааст.

5. Дар диссертатсия асосҳои методии инкишофи содиротии корхонаҳои хурду миёна дар минтақаҳои алоҳида аниқ карда шудааст. Вале ҷиҳати коркарди сиёсати давлатии содиротии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ бо назардошти фаъол гардонидани раванди инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.
6. Дар диссертатсия усул ва роҳҳои такмили низоми менеҷменти стратегии корхонаҳои хурду миёна аниқ карда шудаанд. Аммо вобаста ба хусусиятҳои корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи саноат натиҷаҳои истифодабарии менеҷменти стратегӣ арзёбӣ нашудааст.
7. Дар рӯйхати адабиётҳои истифодашуда номгӯи баъзе сарчашмаҳои илмие, ки аз онҳо дар кор иқтибос оварда шудааст (саҳ. 33-35, 37,38,44,46,47,56), ҷой дода нашудаанд.
8. Дар кор баъзе ибораҳо истифода шуда ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар намерасанд

Таъкид кардан зарур аст, ки камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло нишон дода хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳияти аслии назариявию амалии диссертатсияро паст намекунанд ва бештари онҳо тавсифи дурусти баёни ақида ва мукаммалию дуруст шарҳ додани фикру ақидаҳои муаллифро доранд.

## 6.Хулоса ва мувофиқати диссертатсия ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

Таҳлили умумии диссертатсия нишон дод,ки он дар мувофиқат бо фаслҳои зерини Шаҳодатномаи рӯйхати ихтисосҳои кормандони илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисоди ҷаҳон, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 -Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ(иқтисодиёти саноат) иҷро гардидааст.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгониҳои илмии онро ифода менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии инкишофи соҳибкории хурду миёнаро

дар соҳаҳои мухталифи саноат тараққӣ медиҳанд.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ» (дар мисоли саноати устони(вилоят)-и Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон) анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент,профессор) мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Алии Таҳассурӣ дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) дода шавад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Алиев А. Ҷ.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, х.30
Телефон: 227-15-71. Факс: (99237)221 05 70.
http:// www.rtsu.tj. @mail.ru;
sirodj.tj@mail.ru